*УДК 338*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-130-139*

# *ТАЪМИНИ ЗАХИРАВИИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ВА ДУРНАМОИ ОН*

***Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан,*** *д.и.и., ректори ДДҲБСТ, (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *РЕСУРСНОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ СФЕРЫ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ЕГО ПЕРСПЕКТИВЫ*

***Хошимзода Хомид Хасан,*** *д-р экон. наук, ректор ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *RESOURCE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL SPHERE AND ITS PROSPECTS*

***Hoshimzoda Homid Hasan,*** *doctor of Economy, rector of the TSULBP, (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *homid_@mail.ru*

*Масъалаҳои марбут ба таъминоти соҳаи саноат аз лиҳози ашёи хом, захираҳои кадрӣ, пояи моддию техникӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Марҳилаҳои таърихии ташаккулёбии иқтисоди миллӣ тавсиф гардида, дар заминаи он шароити имрӯза баҳри расидан ба ҳадафҳои миллӣ нишон дода шудааст. Муаммоҳое, ки дар роҳи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - саноатикунонии босуръати кишвар маҷуданд, баррасӣ гардидаанд. Омилҳое, ки ба рушди устувори иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ба монанди сиёсӣ, захиравӣ, иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва демографӣ шарҳ дода шудаанд. Баъзе масъалаҳои татбиқи ҳадафу вазифаҳои Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва зарурати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ таъкид шудааст. Инчунин муаммоҳои нокифоягии захираҳои меҳнатӣ, алалхусус, мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ дар соҳаи саноат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди иқтисоди миллӣ, саноат, ҳадафҳои стратегӣ, саноатикунонии босуръат, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, нерӯи инсонӣ, некуаҳволии аҳолӣ*

*Рассматриваются проблемы обеспечения промышленности сырьем, кадровыми ресурсами и материально-технической базой. Охарактеризованы исторические этапы формирования и развития национальной экономики и на этой основе – её нынешнее положение с целью достижения стратегических целей. Указаны проблемы, существующие на пути реализации одной из стратегических целей, – ускоренной индустриализации. Разъяснены факторы, влияющие на устойчивое экономическое развитие: экономические, политические, а также раскрыт производственный и демографический потенциал. Рассмотрены некоторые аспекты целей и задач Стратегии развития зелёной экономики в Республике Таджикистан, подчеркнута необходимость адаптации к изменению климата, а также сокращения выбросов парниковых газов и эффективного использования природных ресурсов. Исследована проблема нехватки трудовых ресурсов, в частности высококвалифицированных специалистов, в сфере промышленности.*

***Ключевые слова:*** *развитие национальной экономики, промышленность, стратегические цели, ускоренная индустриализация, объем промышленной продукции, человеческий капитал, благосостояние населения*

*The article examines the problems of providing industry with raw materials, human resources and material and technical base. The historical stages of formation and development of the national economy and on this basis its current position are characterized with the aim of achieving strategic goals. The problems existing on the way to the implementation of one of the strategic goals – accelerated industrialization – are specified. The factors influencing sustainable*

*economic development are explained: economic, political, and the production and demographic potential is revealed. Some aspects of the goals and objectives of the Strategy for the Development of Green Economy in the Republic of Tajikistan are considered, the need for adaptation to climate change, as well as the reduction of greenhouse gas emissions and the efficient use of natural resources is emphasized. The problem of labor shortage, in particular highly qualified specialists, in the industrial sector is studied.*

***Key-words:*** *development of the national economy, industry, strategic goals, accelerated industrialization, volume of industrial output, human capital, welfare of the population*

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираю имкониятҳои мавҷуда, рушд бахшидани соҳаҳои саноат, илму маориф, инкишофи нерӯи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар ин бора дар илми иқтисодӣ ақидаҳои хеле ҷолиби диққат иброз карда шудааст. Алалхусус, олимони ватанӣ Л. Саидмуродзода, Д. Ҷалилзода дуруст қайд намудаанд, ки: “Таҳаввулоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳои ҷомеаи мо ба фаъолияти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робита дорад. Дар бораи нақши таърихии он дар барқарорсозӣ ва таҳкими сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр асарҳои илмӣ навишта шудаанд, аммо аҳаммияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Тоҷикистон чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст” [1].

Боиси таъкид аст, ки интиҳои қарни XX бо дигаргуниҳои глобалӣ ва иқтисодии ҷаҳон тавсиф мешавад. Сабаби ин ҳодиса пошхӯрии давлати пуриқтидор – ИҶШС ва дар қаламрави он пайдо шудани якчанд давлатҳои мустақили алоҳида, барҳам додани низоми сотсиалистӣ ва расман гузаштани мамлакатҳои пасошӯравӣ ба шаклҳои нави бозории хоҷагидорӣ буд. Вобаста ба ҳолатҳои бамиёномада, дар психология ва ҷаҳонбинии одамон тағйироти на он қадар мусбат ба вуҷуд омад. Яке аз олимони рус Е. Гайдар дар иртибот ба ин раванд чунин андеша намудааст: “Ислоҳот ҳаёти маъмулӣ, стереотипҳо ва таносуби мақомҳоро якбора тағйир медиҳанд. Онҳо ҳам беҳбудиҳои возеҳу равшан ва ҳам мушкилоти нав меоранд, ба баъзеҳо роҳ мекушоянд, дигаронро ба зинаҳои пасти иҷтимоӣ тела медиҳанд. Барои ислоҳотгарон хеле талх бошад ҳам, вокунишҳо ба ин тағйирот мухталифанд. Агар бурд кунам, сабаб дар он аст, ки ман одами оқил, коргар ва некбахтам. Агар бохт кунам, айби ҳукумати бад аст”. [2, с.4]. Дар ҳақиқат, чунин қолаби фикрронӣ дар тафаккури ҷамъият мустаҳкам ҷойгир гардид ва алҳол низ мавҷуд аст. Ҳамаи ин зарурати ташаккули тафаккури навро дар маърифати воқеияти иқтисодӣ тақозо мекунад.

Бо таназзул ёфтани низоми собиқ даврони Шуравӣ, дар қатори дигар давлатҳо Тоҷикистон соҳибистиқлолии хешро ба даст оварда бошад ҳам, ҳифзу нигоҳдошти он дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкилиҳои сангинеро пеш овард. Дар пайи талоши бемантиқонаи афроду гурӯҳҳои алоҳида барои ба даст овардани молу мансаб, ҷомеа ба ҷанги шаҳрвандӣ мубтало гардид. Аз ҷониби дигар, ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 90-ум дар кишвар, кандашавии риштаҳои ҳамкории шарикӣ байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳолати хеле ногувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба миён овард. Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ таҳқиқ карда шуда, дар яке аз асарҳои илмӣ чунин қайд

карда шудааст: “Ҳаҷми истеҳсолоти ММД дар ҷумҳурӣ соли 1996 ҳамагӣ 32,6 % соли 1991-умро ташкил намуд, ки дар умум пастшавии 67,4 % буда, дар байни дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди шуравӣ бисёр мутаассир ва гарон арзёбӣ мегардид. Муаммои таваррум низ дар иқтисодиёти Тоҷикистон нисбати дигар давлатҳои ИДМ мубрам гашт, яъне сатҳи таваррум дар солҳои 1991-1996 ба ҳисоби миёна 415,4 % ташкил мекард, муаммои камбизоатӣ низ зиёда аз 80%-и аҳолиро дар бар гирифт” [3, с.21].

Маҳз дар чунин давраи мушкилу вазнин роҳбарии давлатро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма гирифтанд, ки таърих инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Бояд қайд намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ таърихи иқтисодиёти миллӣ се марҳилаи асосии иқтисодӣ – марҳилаи буҳрон, муътадилшавӣ ва марҳилаи рушдро дар бар мегирад. Ин марҳилаҳо дорои хусусиятҳои хоси иқтисодӣ буда, аз ҳисороти иқтисодии давраи ҷанги шаҳрвандӣ то корҳои барқарорсозию бунёдкорӣ ва таъмини фаъолияти муназзами соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқро фаро мегиранд.

Пешрафти босуботи иқтисоди мамлакат, пеш аз ҳама, дар натиҷаи татбиқи ҳуҷҷатҳои қабулгардидаи афзалиятнок, аз ҷумла стратегияҳои миллии рушд ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол, дар мамлакат ҳуҷҷати асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, яъне Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [4] амалӣ гардида истодааст, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар буда, дар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст.

Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ ҳанӯз моҳи апрели соли 2006 Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳадафҳои стратегии кишвар ва моҳи декабри соли 2018 ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишварро эълон намуда, дар Паёми худ, моҳи декабри соли 2021 пешниҳод карданд, ки солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад. [5, с.15]

Гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади таъмини ҳадафҳои стратегӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда, нақшаи дурнамои стратегӣ таҳия гардидааст.

Вақте ки мо дар бораи рушди устувори иқтисодӣ сухан меронем, бояд қайд намоем, ки он аз чунин омилҳо вобаста мебошад:

1. Сиёсӣ (сулҳ, ваҳдат, амният, субот);
2. Захиравӣ (табиӣ, кадрӣ, ашёӣ, моддию техникӣ ва ғайра);
3. Иқтисодӣ (даромад, буҷети давлатӣ, андоз, қарз, низоми молиявӣ);
4. Иқтидори истеҳсолӣ (корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, захираҳои меҳнатӣ, технология, сармоягузорӣ ва ғайра);
5. Демографӣ (шумораи аҳолӣ, оила, анъанаҳо ва муҳоҷират).

Бо талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат, аз он ҷумла дар соҳаи саноат таҳаввулоти бунёдӣ ба вуҷуд омад. Тибқи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз 5,7 миллиард сомонии соли 2000-ум ба беш аз 46 миллиард сомонӣ дар соли 2023 баробар гардидааст [6, с.16]. Дар расм афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нишон дода шудааст (ниг. ба расми 1).

***Расми 1.***

***Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ бо нархҳои ҷорӣ дар солҳои 2000-2023 (млн. сомонӣ)***




***Сарчашма:*** *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 28.12.2023. – С. 15; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С. 13-15;*

Соҳаи саноат бевосита соҳаи асосии таъминкунандаи аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсули доимӣ, имконияти хуб дар самти баланд бардоштани ҳам даромади буҷети давлат, ҳам даромади аҳолии кишвар, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, механизми таъмини гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, таҳкурсии асосӣ барои гузаштан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, рушди неруи инсонӣ мебошад. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои саноатӣ, ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо аз ҷумлаи он чораҳое мебошанд, ки ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа бояд оварда расонад.

Минтақаҳои ҷумҳурӣ низ ҷиҳати пешрафти соҳаи саноат чораҳои зиёд андешида, дар ин замина ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодаанд. Аз он ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд аз 6,8 миллирад сомонии соли 2016-ум то ба 26,05 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, ки аз рушди соҳаи саноат дар минтақа гувоҳӣ медиҳад (расми 2).

***Расми 2.***

***Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ)***




***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. - С. 17-23.*

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар соли 2023 аз ҳаҷми умумии маҷмуи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ, ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд – 56,0%, вилояти Хатлон – 26,1%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 8,5%, шаҳри Душанбе – 8,4% ва ВМКБ -1,0 %-ро ташкил кардааст.

Тибқи дурнамои рушди стратегӣ то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22% расонида мешавад [7, с. 254]. Аз ин лиҳоз, аз стратегияи воридотивазкунанда ва рушди содирот васеъ истифода намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд дар истеҳсоли маҳсулоти саноат характери доминантӣ дорад ва ҳаҷми он сол аз сол меафзояд. Аз ин лиҳоз, дар ин самт баъзе маълумоти омориро оид ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҳиссаи истеҳсоли молҳои саноатӣ дар вилояти Суғд асосан ба шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 25,1 %, Гулистон 23,6 %, Бобоҷон Ғафуров 15,9 %, Айнӣ 12 %, Хуҷанд 6,8 % рост меояд (расми 3).

***Расми 3.***

***Истеҳсоли молҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (бо %)***




***Муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия кардааст:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 – солагии Истиқлоли давлатӣ; – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 3-10.*

Вобаста ба талаботи даврони муосир бояд ба суръати рушди иқтисоди миллӣ тақвият бахшем. Дар ҳолати суръати рушдро дар атрофи 8% дар як сол нигоҳ доштан, зиёда аз 9 сол лозим аст, ки истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилиро ду маротиба бештар афзоиш диҳем ва ин ба соли 2033 рост меояд. Бинобар ин, агар хоҳем, ки то соли 2030 ҳаҷми маҷмуи махсулоти дохилӣ ду маротиба афзоиш ёбад, сатҳи рушд бояд ба 11,7% расонида шавад. Зеро аз нуқтаи назари мутахассисони соҳавӣ Тоҷикистон барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо дорои иқтидорҳои зарурӣ мебошад. Аз таҳлил маълум гардид, ки айни ҳол аз иқтидорҳои умумии истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар истеҳсоли маснуоти оҳану бетонӣ танҳо 10,5%, нахи пахта 19,2 %, шоҳивории тайёр 26,7% ва пойафзол 24% истифода гардида истодаанд.

***Ҷадвали 1.***

***Сатҳи истифодаи иқтидорҳои корхонаҳои саноатӣ дар истеҳсоли намудҳои ҷудогонаи маҳсулот** (бо %)*

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нуриҳои минералӣ** | 26,7 | 93,6 | - | 18,0 | 72,1 | 72,7 | 79,6 | 85,6 | 83,8 |
| **Семент** | 20,1 | 44,0 | 24,8 | 18,0 | 72,1 | 72,7 | 79,6 | 85,6 | 90,1 |
| **Маснуоти оҳану бетонӣ** | 2,4 | 3,9 | 6,2 | 29,9 | 3,9 | 3,1 | 2,7 | 6,4 | 10,5 |
| **Масолеҳи деворсозӣ** | 11,3 | 46,8 | 35,7 | 57,3 | 49,4 | 49,3 | 48,5 | 61,8 | 63,2 |
| **Нахи пахта** | 38,5 | 36,2 | 20,6 | 14,2 | 7,7 | 7,6 | 8,9 | 8,8 | 19,2 |
| **Шоҳивории тайёр** | 34,5 | 12,5 | 94,7 | 3,7 | 19,7 | 20,1 | 20,4 | 26,5 | 26,7 |
| **Пойафзол** | 1,6 | 0,5 | 9,2 | 82,4 | 42,2 | 30,5 | 30,6 | 22,1 | 24,0 |
| **Қолинҳо** | 3,2 | 22,2 | 29,3 | 54,5 | 82,6 | 62,2 | 91,5 | 96,9 | 98,1 |
| **Яхдонҳо** | 1,9 | - | - | - | - | - | - | 68,1 | 70,2 |
| **Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир** | 2,6 | 8,1 | 69,8 | 64,8 | 55,7 | 54,1 | 55,6 | 53,4 | 55,6 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023 - С. 260.*

Боиси таъкид аст, ки иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар истеҳсоли намудҳои ҷудогонаи маҳсулот пурра истифода нашуда истодааст. Аз ин бармеояд, ки ҳоло соҳаи саноати ҷумҳурӣ имкониятҳои хеле зиёди истифоданагардида дорад, ки бояд он самаранок ва мақсаднок истифода бурда шавад.

Бояд иброз намоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои ғании маҳсулоти саноатӣ мебошад. Аз ҷумла, вобаста ба захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон мавқеи 8-ум ва дар байни Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавқеи 2-юм, аз рӯи захираҳои нуқра дар ҷаҳон ҷойи 7-ум ва дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҷойи 2-юм, аз рӯи захираҳои сурма дар ҷаҳон ҷойи 8-ум ва дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҷойи 2-юм ва аз рӯйи захираҳои тилло дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҷойи 9-умро ишғол менамояд.

Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2000 1329 ададро ташкил намуда, дар соли 2023 ба 3 ҳазору 517 адад расонида шудааст. Танҳо дар соли 2023 аз ҷониби соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супорида шудаанд [4]. Бо баробари зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки дар татбиқи ҳадафу вазифаҳои Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 чораҳои зарурӣ андешем. Зеро иҷрои стратегияи мазкур барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ мусоидат менамояд.

Соли 2023 шумораи миёнасолонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ 90 ҳазору 600 нафарро ташкил кардааст. Новобаста аз ин, соҳаи саноат нисбати ҷалби қувваи корӣ дар иқтисодиёти миллӣ то ҳол нақши ҳалкунандаро доро намебошад. Зеро, аз рӯи намудҳои фаъолият дар соли 2023, ҷалби нокифояи захираҳои меҳнатӣ ва нишондиҳандаи ҳиссаи кормандони кироя дар соҳаи саноат 7,6%-ро ташкил кардааст.

Маврид ба зикр аст, ки тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи саноат беҳбудиро талаб менамояд. Масалан, дар соли таҳсили 2022-2023 дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тайёр намудани мутахассисон барои соҳаи саноат ҳамагӣ 15,3%-и теъдоди умумии мутахассисони дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ тайёршавандаро ташкил кардааст, ки барои амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар нокифоя аст. Ҳамзамон, соли равон 78 ҳазору 244 нафар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар аз қайди маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштанд, ки аз онҳо танҳо 14,2 фоиз равияи “Табиӣ ва техникӣ”-ро интихоб намуданд.

***Ҷадвали 2.***

***Тайёр намудани мутахассисон тибқи соҳаҳо дар муасиссаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ***

| СОҲАҲО | Воҳиди ченак | 2019-2020 | 2020-2021 | 2021-2022 | 2022-2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, воҳид** | ҳаз. нафар | 229626 | 245900 | 239539 | 218098 |
| | бо фоиз | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **Аз он ҷумла аз рӯи соҳаҳо:** | | | | | |
| **Саноат** | ҳаз. нафар | 27744 | 33652 | 30541 | 33403 |
| | ҳисса дар умум (%) | 12,1 | 13,7 | 12,7 | 15,3 |
| **Кишоварзӣ** | ҳаз. нафар | 10003 | 11270 | 11573 | 8948 |
| | ҳисса дар умум (%) | 4,4 | 4,6 | 4,8 | 4,1 |
| **Иқтисодиёт** | ҳаз. нафар | 59641 | 66477 | 62366 | 26303 |
| | ҳисса дар умум (%) | 26,0 | 27,0 | 26,0 | 12,1 |
| **Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** | ҳаз. нафар | 19216 | 20860 | 23831 | 19345 |
| | ҳисса дар умум (%) | 8,4 | 8,5 | 9,9 | 8,9 |
| **Маориф** | ҳаз. нафар | 102293 | 100957 | 101999 | 124444 |
| | ҳисса дар умум (%) | 44,5 | 41,1 | 42,6 | 57,1 |
| **Фарҳанг ва санъат** | ҳаз. нафар | 4686 | 5203 | 4888 | 4590 |
| | ҳисса дар умум (%) | 2,0 | 2,1 | 2,0 | 2,1 |
| **Дигар соҳаҳо** | ҳаз. нафар | 4399 | 4510 | 4357 | 1065 |
| | ҳисса дар умум (%) | 1,92 | 1,83 | 1,82 | 0,49 |

***Сарчашма:*** *Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023 - С. 78-79.*

Дар самти таъминокӣ бо захираҳои кадрӣ норасоии мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ мушоҳида карда мешавад. Тибқи сохтори соҳаҳои саноат он аз соҳаҳои пасттехнология, миёнатехнологияи сатҳи паст, миёнатехнологияи сатҳи баланд ва баландтехнология иборат мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд дар соли 2023 дар соҳаи пасттехнология – истихроҷи маводи энергетикӣ, истеҳсолоти бофандагӣ ва дӯзандагӣ, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока 67,7%, дар соҳаи миёнатехнологияи сатҳи паст – истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 31,8% ва соҳаи миёнатехнологияи сатҳи баланд – истеҳсолоти химиявӣ, мошинсозӣ 0,5%-ро ташкил дода, дар соҳаи баландтехнология – истеҳсоли компютер, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, роботсозӣ ва нанотехнология субъектҳои хоҷагидорӣ ба қайд гирифта нашудаанд.

***Ҷадвали 3.***

***Сохтори соҳаҳои саноат тибқи ҳаҷми барориши маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд** (бо %)*

| **СОҲАҲОИ ПАСТТЕХНОЛОГИЯ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯй** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| **Истихроҷи маводи энергетикӣ** | 2,3 | 3,0 | 2,4 | 2,5 | 2,1 | 2,5 |
| **Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ** | 26,2 | 23,3 | 33,0 | 38,5 | 32,4 | 26,0 |
| **Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо** | 49,0 | 33,3 | 25,9 | 25,2 | 23,4 | 22,6 |
| **Истеҳсолоти бофандагӣ ва дӯзандагӣ** | 13,1 | 10,2 | 8,9 | 8,3 | 8,0 | 7,2 |
| **Истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол** | 0,1 | 0,4 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| **Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ** | 0,4 | 0,7 | 0,7 | 0,1 | 0,6 | 0,6 |
| **Истеҳсолоти селлюлозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр** | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 |
| **Дигар соҳаҳои саноат** | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,5 |
| **Истеҳсол ва тақсими нерӯйи барқ, газ ва об** | 4,7 | 4,7 | 3,3 | 3,4 | 7,4 | 7,9 |
| **Ҳамагӣ:** | 96 | 76 | 74,7 | 78,4 | 74,3 | 67,7 |
| **СОҲАҲОИ МИЁНАТЕХНОЛОГИИ САТҲИ ПАСТ** | | | | | | |
| **Истеҳсоли маҳсулоти нафт** | 0,3 | 0,0 | - | 0,2 | 0,5 | 0,6 |
| **Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ** | 1,5 | 1,1 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,0 |
| **Истеҳсоли дигар маснуоти ғайрифилизии минералӣ** | 1,8 | 4,4 | 6,1 | 4,1 | 6,3 | 6,9 |
| **Истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсолоти масуноти тайёри филизӣ** | 0,1 | 16,7 | 17,0 | 15,6 | 17,4 | 23,3 |
| **Ҳамагӣ:** | 3,7 | 22,2 | 23,9 | 20,5 | 24,9 | 31,8 |
| **СОҲАҲОИ МИЁНАТЕХНОЛОГИИ САТҲИ БАЛАНД** | | | | | | |
| **Истеҳсолоти химиявӣ** | - | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 0,8 | 0,4 |
| **Мошинсозӣ** | 0,3 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,1 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ:** | 0,3 | 1,9 | 1,3 | 1 | 1,1 | 0,5 |
| **СОҲАҲОИ БАЛАНДТЕХНОЛОГИЯ** | | | | | | |
| **Саноати авиакайҳонӣ, истеҳсоли компютер, таҷҳизоти радиоӣ ва телекоммуникатсионӣ, роботсозӣ, саноати мудофиа, нанотехнология ва дигар соҳаҳои илмталаб** | Дар ин соҳаҳои саноат субъектҳои хоҷагидорӣ вуҷуд надоранд | | | | | |

***Муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. - С. 184 - 185.*

Боиси қайд аст, ки имрӯзҳо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба муаррифӣ ниёз дошта, дастгирии ҳар як сокини кишварро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ, баланд бардоштани мақоми истеҳсолкунандаи маҳсулоти ватанӣ, маърифати харидорӣ ва истеъмоли маҳсулоти ватанӣ низ яке аз тадбирҳои муҳим ҷиҳати рушди соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, бояд қарзҳои имтиёзнок, сабукиҳои андозӣ ва сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятноки саноатӣ пешбинӣ карда шаванд, аз ҷумла:

- гидроэнергетика, махсусан, барои ба итмом расонидани сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқӣ ва дигар объектҳои хоҷагии барқӣ;
- саноати маъданҳои кӯҳӣ ва таъсиси комплексҳо оид ба истихроҷи ашёи минералӣ ва коркарди ниҳоии он;
- таҷдиди корхонаҳои саноати сабук ва нассоҷии ба коркарди ниҳоии нахи пахта ва шоҳӣ махсусгардонида;
- таъсисдиҳӣ ва азнавсозии корхонаҳои коркард ва нигоҳдории сабзавот, меваҷот ва маҳсулоти полезӣ, маҳсулоти занбӯрпарварӣ ва моҳидорӣ;
- таъсиси корхонаҳо оид ба истеҳсоли масолеҳҳои бастубанд барои маҳсулоти кишоварзӣ;
- афзоиши ҳаҷми коркарди сангҳои қиматбаҳо, хоро, мармар, сангҳои нодири ороишӣ ва маҳсулоти тайёр аз онҳо;
- истеҳсоли молҳои техникаи маишӣ;
- афзоиш додани соҳаҳои саноати баландтехнология;
- рушди соҳаҳои саноати воридотивазкунанда ва иқтидори содиротии кишвар;
- истеҳсоли техника ва технологияи муосир барои коркарди маҳсулоти саноатӣ дар соҳаҳои анъанавии саноати кишвар.

Дар маҷмуъ, тафсир ва таҳлили рушди иқтисоди миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошҳои пайгиронаи сиёсатмадори бузурги аср – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраҳои вазнини вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуда, имрӯз бо татбиқи барномаҳои давлатӣ ва густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо кишварҳои дунё дар марҳилаи нави рушди иқтисодиёти миллӣ қарор дорад, ки дар натиҷа сатҳи некуаҳволии мардум сол то сол баланд гардида истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо татбиқи ҳадафи олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагии шоистаи мардуми кишвари азизамон таъмин мегардад.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки истифодаи самараноки манбаъҳои ашёӣ, кадрӣ ва моддию техникии саноатӣ ба рушди соҳаи саноат ва ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ мусоидат менамояд.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Саидмуродзода Л., Ҷалилзода Д. Нақши Пешвои миллат дар ташаккули заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ // www.sadoimardum.tj [санаи муроҷиат 15.05.2024]*
2. *Гайдар Е. Новые задачи: выбор за нами / Е. Гайдар // Вопросы экономики. – Москва, 1999. - №9. – С. 4 –20.*
3. *Ризоқулов Т.Р. Проблемы макроэкономической нестабильности и их регулирование в экономике Таджикистана / Т.Р. Ризоқулов. – Худжанд: Технопарк ТГУПБП, 2021. – 286 с.*
4. *Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, аз 1.10.2016.- Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. – 89 с.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 26.01.2021. - Душанбе: Шарқи озод, – 2021. - 30 с.*
6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 28.12.2023. - Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 64 с.*
7. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 419 с.*
8. *Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023.– 421 с.*
9. *Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 115 с.*
10. *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 – солагии Истиқлоли давлатӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 328 с.*


***REFERENCES:***


1. *Saidmurodzoda L, Jalilzoda D. The Role of the Leader of Nations in Development of the Resources of Constitutional Economy // www.sadoimardum.tj [date of appeal 15.05.2024]*
2. *Gaydar E. New Tasks: the choice is ours // Economical issues. – M., 1999, №9. – PP. 4 –20*
3. *Rizoqulov T.R. Problems of Macroeconomical Instability and their Regulation in the Economy of Tajikistan. – Khujand; Technopark TSULBP, 2021. – 286 pp.*
4. *Strategy of National Development for the Period till 2030 years, from 1.10.2016.- Dushanbe: Ltd «Contrast», 2016. – 89 pp.*
5. *Message of the President of Tajikistan Republic his excellency Emomali Rahmon «On the Main Directions of Domestic and Foreign Policy of Republic», from 26.01.2021. - Dushanbe: Sharqi ozod, – 2021. - 30 pp.*
6. *Message of the President of Talikistan Republic his excellency Emomali Rahmon « On On the Main Directions of Domestic and Foreign Policy of Republic», from 28.12.2023. - Dushanbe: Sharqi ozod, 2023. – 64 pp.*
7. *Annual Statistics of Talikistan Republic; – Dushanbe; Statistic Agency under the President of Tajikistan Republic, 2023. – 419 pp.*
8. *Annual Statistics o9f Sughd Region. Khujand; Head of Statistic Agency under the President of Tajikistan Republic in Sughd Region, 2023.– 421 pp.*
9. *Education in Tajikistan Republic. – Dushanbe; Statistics Agency under the President of Tajikistan, 2023. – 115 pp.*
10. *Areas of Tajikistan Republic: 32 – anniversary of public Independence. Dushanbe: Statistic Agency under the President of Tajikistan Republic, 2021. – 328 pp.*